«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б. _____
«20» 11 соли 2026.

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи “Масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси 6D020102 – Таърихи фалсафа.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии **Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович “Масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси 6D020102 – таърихи фалсафа, пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад.

Омӯзиш ва пажуҳиши осори гаронбаҳои мутафаккирони тоҷик бояд мавриди таваҷҷуҳи хоса донишмандони худогоҳ қарор гирад. Зеро ин масъала, дар шароити ҷаҳонишавии бархурди тамаддунҳо, аҳаммияти рӯзафзун дошта, заминаи мусоидро барои худшиносии миллӣ ба вуҷуд меорад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки имрӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо, баррасии низоми фалсафии мутафаккирони тоҷик баҳри ояндасозии боавлавият аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Афкори метафизикии Ибни Сино, ки дар заминаи илми юнонию худӣ ба вуҷуд омада, тавассути муколамаи фарҳангҳои Шарқу Ғарб ташаккул ёфтааст, имрӯз на танҳо дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ, балки диққати тамоми равшанфикрони хориҷиро ҷалб намудааст. Бо вуҷуди он ки роҷеъ ба таълимоти Ибни Сино пажуҳишҳои зиёде анҷом дода шудааст, вале таҳлили бонизоми таълимоти метафизикии он, бахусус, дар шакли хеле фарохи рисолаи докторӣ то кунун ба таври кофӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, муаллиф кӯшиш кардааст, ки ин холигии

назариявиро дар асоси таҳлили таълифоти мондагори мутафаккир пур намояд.

Мубрамии таҳқиқ, ҳамчунин, дар он зоҳир мегардад, ки дар муҳити илмию фалсафии муосир эҳтиёҷ ба фаҳмиши дурусти метафизикӣ дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, осори гаронбаҳои Ибни Сино, на танҳо ҷузъи анъанаи таърихии тафаккур, балки заминаи муҳимми назариявӣ барои тарбияи тафаккури интиқодӣ ва таҳлили илмӣ дар мувофиқат бо шароити ахлоқиву фарҳангии тоҷикӣ мебошад.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқ метавонанд барои такмили барномаҳои таълимӣ дар риштаҳои «Ҳастишиносӣ», «Таърихи фалсафа», «Илоҳиётшиносӣ», «Фалсафаи илм» ва ғайра истифода шаванд. Хулосаҳои диссертатсия метавонанд ҳамчун асоси таҳияи дастурҳои методӣ ва таълимӣ хидмат намоянд, ки ба омӯзиши амиқи фалсафа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат мекунанд.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Диссертант ҳангоми таҳияи диссертатсия ба сарчашмаҳои илмӣ ва пажуҳишҳои дигар олимони соҳа, ки марбут ба мавзуи тадқиқот мебошанд, махсусан, ба мавод ва сарчашмаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, олмонӣ ва дигар забонҳо мурочиат намуда, мавзуъро мувофиқи методологияи муосири илмӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Хулоса ва пешниҳодҳои дар охири ҳар як бобу зербоб, инчунин, дар охири диссертатсия овардашуда, мазмуни кори илмиро инъикос намуда, аз ҷиҳати илмӣ хусусияти навоварона доранд.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда, дар он зоҳир мешавад, ки дар ҷараёни омӯзишу таҳлили метафизикии осори Ибни Сино, натиҷаҳо ва хулосаҳои нав ба даст омадаанд, ки дар адабиёти илмии пешин ба ин шакл ва дар чунин сатҳи ҷамъбаст камтар матраҳ гардидаанд. Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, махсусан муҳити илмии Бухоро, дар ташаккули таълимоти фалсафӣ-метафизикии мутафаккири асримиёнагии тоҷик – Ибни Сино мақоми меҳварӣ доранд. Ҳамзамон, таъсири мафкураи фалсафии Юнони бостон дар таҳқиқоти метафизикии Шайхурраис муайян карда шуда, замина ва ҷараёни таърихии ин таъсир дар ҷанбаҳои ҳастишиносӣ, назарияи сабабият, назарияи офариниш ва ғайра таҳлил гардидааст. Дар таҳқиқ, хеле хуб нишон дода шудааст, ки ғояҳои илмӣ-методологии Арасту, бахусус,

бахши ба ташаккули назарияҳои фалсафии Ибни Сино таъсири муайян расонидааст. Фикр мекунам, яке аз дастовардҳои муҳимми таҳқиқ он аст, ки бори аввал ғояҳои метафизикии Ибни Сино дар пояи осори аслӣ ва бо истифода аз методи таҳлили контентӣ ва герменевтикаи фалсафӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Инчунин, таълимоти метафизикии мутафаккир бори аввал дар доираи муқоисаи фалсафӣ баррасӣ шудааст.

Дар идома асоснок шудааст, ки Шайхурраис дар баробари Розӣ ва Форобӣ яке аз поягузорони фалсафаи тоҷик, на танҳо масъалагузории метафизикиро ба низом даровардааст, балки бо таҳлили бунёдии фалсафӣ таҳаввули равандҳои метафизикиро ба муҳити замони худ мутобиқ намуда, дар ин замина, осори пурмуҳтавои фалсафии худро ба мерос гузоштааст. Инчунин, дар диссертатсия, бори нахуст, исбот шудааст, ки Ибни Сино ҳамаи бахшҳои метафизикиро таҳлил ва танзим намуда, бодарназардошти масъалагузориҳои фалсафӣ заминаи таҳқиқи муосири ин соҳаро фароҳам овардааст, ки ба талаботи имрӯз то андозае мувофиқат мекунанд. Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада саҳми эҷодии муаллифро дар омӯзиши таълимоти метафизикии ин чеҳраи шинохтаи тоҷик равшан намуда, дар фазои илмии кишвар ва берун аз он барои таҳқиқоти минбаъда заминаи мусоид фароҳам месозад.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар он, бори аввал, таълимоти метафизикии Ибни Сино, дар шакли пурра мавриди таҳқиқ қарор гирифта, натиҷаҳои ҳосилшуда, дар сатҳи назариявии қобили арзёбӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ин таҳқиқ, ҳамчун иқдоми илмии мукаммал, ба ғанӣ гардидани дониши фалсафӣ, хусусан, дар самти метафизика, ба тавсеаи дониши фалсафӣ, инчунин, ба шинохти категорияҳои ин соҳа ва ба таври тақсиму тасниф истифодаи дурусти онҳо мусоидат менамояд. Ҳамзамон, он дар баробари таҳкими пояҳои илмии масъала, барои таҳия ва татбиқи тавсияҳои методологӣ ва таълимӣ низ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти мазкур дар сатҳи баланд қарор дошта, бо маҷмуи омилҳои методологӣ, илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок мегардад. Ин эътимоднокӣ аз риояи пайгиронаи принсипҳои илмӣ, интихоби методологияи муосир, таҳлили амиқу муфассали сарчашмаҳо, такя ба

заминаи назариявии боэътимод ва санҷиши натиҷаҳо дар фаъолияти амалии илмӣ бармеояд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Дар таҳияи диссертатсия саҳми асосиро диссертант дар ҷамъоварӣ ва таҳлили мустақилонаи адабиёт, таҳқиқи он, хулосабарорӣ ва ҷамъбасту интихоби методологияи таҳқиқ гузоштааст. Тарзи навишт, баррасӣ, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми муаллифро дар пажуҳишҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки аз мустақилона интихоб кардани мавзуъ ва дарёфти иттилоот, инчунин, таҳлили он иборат мебошад. Аз ҷониби диссертант бори нахуст самти метафизика бо таснифи категорияҳои соҳавӣ ба таври махсус ва комплексии назариявӣ баррасӣ шудааст. Таҳлили мукаммали мафҳумҳои ифодагари метафизикаи Ибни Сино аввалин бор дар шакли мукаммали илмӣ бо хулосаҳои нав пешниҳод шудааст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Чунонки аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмии довталаб бармеояд муҳтавои диссертатсия дар китобу монографияҳо, нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ нашр шуда, ҳамаи китобу мақолаҳои нашршуда ва маърузаҳои диссертант ба мавзуи диссертатсия робитаи зич дошта, талаботи КОА-ро қонеъ мегардонанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Мазмун ва муҳтавои диссертатсия аз рӯйи сохти таҳқиқ ва мундариҷаи танзимшуда ба талаботи илмии КОА мувофиқат мекунад. Дар диссертатсия масоили мубрами таҳқиқ ба таври возеҳ матраҳ шуда, натиҷаҳои илмии диссертатсия дар асоси далеловариҳо ва масъалагузориҳои илмӣ устувор гардонида шудаанд. Муҳтавои таҳқиқоти анҷомёфта дар шинохти масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино бо пешниҳоди мафҳумҳои исботшуда ва санадҳои қатъӣ назаррас буда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шудааст. Аз рӯйи дараҷаҳои ба итмомрасӣ кори илмӣ бо возеҳияти баён ва таснифи дурусти матолиб анҷомёфта ба ҳисоб рафта, тамоми қисматҳои он аз муқаддима, то панҷ бобу дувоздаҳ зербоб, хулосаю тавсияҳо ва адабиёт ба таври хосу муназзам таълиф шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада дар самти илми фалсафа – ҳастӣ дар низоми метафизика метавонанд заминаи хуберо барои истифодаи тафаккури илмии Тоҷикистони сиҳибистиқлол ба вуҷуд оварда, дар

рушди таҳқиқоти илмӣ ва ҷаҳонбинии наслҳои ояндаи ватансоз саҳми арзанда гузошт.

Сохтор ва ҳаҷми диссератсия. Сохт ва ҳаҷми диссертатсияи таҳқиқшуда ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, дувоздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 387 номгӯй аст ва дар он феҳристи интишороти илмии муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия 21 номгӯй мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 388 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалӣ муайян карда шудаанд. Умуман, диссертатсияи таҳқиқшудаи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи «Масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино» аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, панҷ боб, дувоздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва феҳристи таълифоти илмии чопшуда, вобаста ба мавзуи диссертатсия иборат аст.

Боби якуми диссертатсия зери унвони **«Заминаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсии густариши фалсафа дар асрҳои миёна”** аз се зербоб иборат буда, ба шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои назариявию методологии афкори фалсафӣ-метафизикии мутафаккири барҷастаи тоҷику форс – Ибни Сино бахшида шудааст.

Дар ин боб, диссертант, омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиеро мавриди таҳлил қарор медиҳад, ки дар давраи зиндагӣ ва фаъолияти Ибни Сино ба ҳадди ташаккул расонидаанд. Дар ин замина, муҳити рушди илмӣ ва эҳёи мероси фалсафаи Юнону Ҳинд ва Эрони бостон барои фаъолияти Ибни Сино шароити мусоид фароҳам оварда, бо вазъи мураккаби сиёсӣ ва фарҳангии он замон нигоҳ накарда, мутафаккир осори мондагоре бақо мегузорад. “Таҳлили масъала дар доираи маҳдуд, яъне таъсири фалсафаи юнонӣ ба масъалагузориҳои Ибни Сино, ки баъдтар ин масъаларо таҳлил менамоем, аз он ҷиҳат аҳаммиятнок аст, ки ҳарду масъалаи бунёдии пажуҳиши мазкур, яъне мафҳуми метафизика ва ҳастӣ ба гунаи масъалаи меҳварии метафизика, маҳз аз фалсафаи Арасту сарчашма гирифтааст” (с. 32 диссер.).

Ибни Сино дар чунин шароит, бо талошҳои шахсӣ тавонистааст илму фарҳангро ҳифз намуда, бо осори худ ба рушди фалсафа -

ҳастишиносӣ ва илмҳои дақиқу табиӣ саҳми назаррас гузорад. Ҳамзамон, дар боб, робита ва таъсири мутақобилаи таърихии мавзуи матраҳшаванда низ баррасӣ гардида, таъкид мешавад, ки давраи хилофати Аббосиён муҳити асосии ташаккули илму фарҳанги шарқӣ буд ва таъсири анъанаҳои эронӣ ва низоми дӣевонсолорӣ дар ташаккули фазои илмӣ нақши муҳим дошт. Дар ин қисмати таҳқиқ, марказҳои илмии юнонию сурёнӣ ва таъсири онҳо дар рушди фалсафаи асримиёнагӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, боиси бавуҷуд омадани дигар мактабу равияҳои фалсафӣ гардиданд, ки ҳар як кадоми онҳо ба таври гуногун андешаи худро баён мекарданд. Чунонки диссертант дар таҳқиқоти хеш масъалагузорӣ намуданд, "дар миёни мактабҳои ин давра мо мактаби фалсафиеро мушоҳида менамоем, ки намояндагони он роҳи миёнаро пеш гирифтаанд ва онҳо кӯшиш намудаанд, ки миёни фалсафаи юнонӣ ва дини ислом як навъ созиш ва муросоро ба вуҷуд оваранд"
(с. 59 диссер.).

Сарфи назар аз он ки мавқеи диссертант дар барои назарияи мактабҳои асримиёнагӣ ошкор аст, вале дар раванди таҳқиқ ба назар мерасад, ки ӯ, бо умумигӯйиҳо ва мисоловариҳо аз дигарон мавзуъро ҷамъбаст кардан мехоҳад ва ҳамин нукта – саҳми шахсии ӯ, бо хулосаҳо хеле кам коромад аст.

Зербоби дуюм ба таҳлили нақши фалсафаи машшоияи шарқӣ дар ташаккули фалсафаи асримиёнагии тоҷик ихтисос ёфта, дар он саҳми таълифот ва шарҳҳои интиқодии Форобӣ дар рушди фалсафаи шарқӣ, хусусан файласуфони шарқӣ нишон дода мешавад. "Эътирофи Ибни Сино дар мавриди фаҳмидани "Метафизика"-и Арасту танҳо пас аз хондани рисолаи Форобӣ худ далелест бар мартабаи андешаи ӯ" (с. 60 диссер.).

Ҳамчунин, хусусиятҳои ташаккули мафҳумҳо, равандҳои таснифи илмҳо ва пояҳои назариявии андешаи фалсафӣ-метафизикӣ дар осори мутафаккир дар шакли муназзам таҳлил мегарданд. Нуктаи меҳварии ин қисмат он аст, ки Ибни Сино мероси фалсафии Юнон, бахусус Арастуро, на танҳо пазируфтааст, балки онро бо таҳлили интиқодӣ ва эҷодкорона бозсозӣ намуда, ба талаботи замони худ мутобиқ кардааст. Муҳимтарин чизе ки диссертант бо таъкид иброз доштааст, ин аст, ки алоқамандӣ ва пайдарпайии афкори фалсафии мактаби машшоия аз ҷониби файласуфон ба назар мерасад. Чунончи оварда шудааст: "Ба тариқи хулоса метавон қайд намуд, ки Форобӣ барои рушди фалсафаи

асримиёнагии тоҷик як заминаи густурдаеро ба вуҷуд оварда буд ва мо метавонем ҷарчашмаи бисёре аз тамоилоти фалсафаи исломӣ, аз ҷумла, фалсафаи Синоро, маҳз дар фалсафаи ӯ пайдо намоем" (с. 87 диссер.).

Дар ин боб, диссертант аз таърихи масъалагузориҳои фалсафӣ, яъне шинохти категориявии мафҳум ва баҳспардозиҳо дар ин самтро аз Парменид шуруъ намуда, иброз медорад, ки ҳастӣ бо тафаккур айният дорад ва дар фалсафа анъанаи метафизикӣ ин қисмат ба вуҷуд омадааст. Ҳастии зеҳнӣ ва ё ҳастии абстрактиро аз диди Парменид асоси баҳсҳои худ қарор медиҳад ва ин иқдом минбаъд аз ҷониби Афлотун, Арасту ва навафлотуниҳо боз ҳам густардатар ва амиқтар коркард мешавад.

Агарчи бисёре аз муҳаққиқон маншаи асосии метафизикаи Ибни Синоро аз Юнон медонанд, вале дар ин ҷо диссертант мувофиқ шудан хуб аст, ки ӯ аз ин муҳдудиятҳо берун баромада, дар ин радиф, фикри хешро иброз медорад, ки "маҳдуд кардани сарчашмаи фалсафаи Ибни Сино фақат бо фалсафаи юнонӣ ғайриимкон аст, омили бунёдии дигар дар муносибат ба фалсафаи ӯ дини Ислом ва биниши тавҳидии он мебошад, ки метавонад дар шаклгирии фалсафаи метафизикии Ибни Сино таъсиргузор бошад" (с. 90-91 диссер.).

Ибни Сино вобаста ба ин самт, бар хилофи ақидаҳои мутакаллимон баромад намуда, ин самти густаришёфтаи фалсафиро бо нигоҳҳои интиқодӣ матраҳ намудааст.

Дар натиҷа, боби якум заминаҳои таърихӣ-фалсафӣ ва ҳастишиносии ташаккули афкори метафизикии Ибни Синоро равшан сохта, барои дарки амиқи решаҳои метафизикии шарқӣ ва рушди минбаъдаи он асос мегузорад.

Боби дуюми диссертатсия бо унвони **«Масъалаи ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино»** аз ду зербоб иборат буда, ба таҳлили масъалаи ҳастӣ ва консепсияи воҷиб-ул-вуҷуд дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино бахшида шудааст. Муаллиф ба таври дуруст таъкид менамояд, ки таҳаввули категорияҳои асосии метафизикӣ дар фарҳанги шарқӣ асримиёнагӣ, бахусус, дар тамаддуни форсизабонон, бо номи Форобӣ ва хоса Ибни Сино пайванди ногусастанӣ дорад. Ин мутафаккир, бо осори пураразиш ва таҳқиқоти амиқи худ, на танҳо идомадиҳандагони анъанаи фалсафаи Юнони қадим буданд, балки онро мутобиқ ба ниёзҳои фикрии асримиёнагии Машриқзамин такмил ва густариш доданд. Диссертант махсусан нишон медиҳад, ки Ибни Сино, бо ҷорӣ намудани мафҳумҳо, истилоҳот ва категорияҳои нави

метафизикӣ пояи илмии ин соҳаро дар Шарқ устувор намуд. Ибни Сино агарчи таълифоташро ба забони арабӣ навишта бошад ҳам, вале бо таълифи "Донишнома" ин анъанаро бо забони илмии форсӣ идома дода, дар асоси мероси гузаштагон низоми нисбатан мукаммали истилоҳофариниии илмиро дар ин самт ташаккул додаст. Баррасии боб, ки ба масъалаҳои ҳастӣ, мафҳуми воҷиб-ул-вуҷуд ва таркиботу хулосаҳои он бахшида шудааст, мутафаккир мехоҳад бо ин васила, ба таҳлилҳои эҷодию интиқодӣ, ҳамзамон, таҳкими дастгоҳи фикрии метафизикӣ, мусоидат намояд. Дар ҳарду зербобҳои боб масъалаи ҳастӣ ва воҷиб-ул-вуҷуд бо таҳлили муқоисавии таълимоти метафизикии Ибни Сино аз рӯйи сарчашмаҳои муътамад ва бо исботи далелҳо анҷом дода шуда, мафҳумҳои асосии метафизикӣ, сохтор, низом ва шеваҳои таснифу таҳлили онҳо дар осори мутафаккир ба таври амиқ баррасӣ мешаванд. Чунонки диссертант дар ин самт қайд мекунад: "Ба ақидаи Ибни Сино, дорои моҳият ва ҳастии аз ҳам ҷудо ва вобаста будан аз сабабҳо барои дорои ҳастӣ гардидан аз хусусиятҳои асосии фарқкунандаи имкон-ул-вуҷуд аз воҷиб-ул-вуҷуд мебошад" (с. 122 диссер.).

Мусаллам аст, ки дар фалсафаи Ибни Сино воҷиб-ул-вуҷуд ҳамон Худо аст, ки ба ин масъала мутафаккир дар ҳама китобҳояш баҳспардозӣ мекунад. Бо далелҳои мантиқӣ ва ақлонӣ ӯ кӯшиш мекунад нишон диҳад, ки воҷиб-ул-вуҷуд вуҷуд дорад ва он сабаби ҷаҳон ва ё имкон-ул-вуҷуд аст. Ин ба он шаҳодат медиҳад, ки агарчи бо ҳамин масъалаҳо ҳукм бар куфр шуда бошад ҳам, диссертант ин моҳиятро дар асоси сарчашмаҳо бо диди муосир омирона ҳал намудааст.

Дар касрати офаридгор Ибни Сино ба хулосае меояд, ки "вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудо дар воҷиб-ул-вуҷуд ғайримумкин мебошад" (с. 135 диссер.). Дар ин ҷо нуктаи муҳим дар он зоҳир мегардад, ки воҷиб-ул-вуҷуд ногузирии вуҷуди худро аз моҳият гирифта наметавонад. Моҳият бошад, ҳеҷ вақт наметавонад сабаб барои воҷиб-ул-вуҷуд гардад, зеро дар тасвири Ибни Сино омилҳои дигар низ вуҷуд доранд.

Боби сеюми диссертатсия – **«Имкон-ул-вуҷуд – консепсияи ҳастӣ: вуҷуд ва моҳият, ҷавҳар ва араз, кулл ва ҷузъ дар фалсафаи Ибни Сино»** аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаҳое, ки бо ҳам ҳамбастагии зич доранд, чун: консепсияи ҳастӣ: вуҷуд ва моҳият, ҷавҳар ва араз, кулл ва ҷузъ дар таълимоти фалсафии Ибни Сино мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант, бо асоснокӣ қайд мекунад, ки пояҳои

консепсияи ҳастӣ ва воситаҳои натиҷавии он, нахуст дар осори Арасту ба назар раҫад ҳам, вале ба таври низомманд матраҳшавии инро Ибни Сино ба роҳ мондааст. Дар ин қисмат диссертант аз Ибни Сино иқтибос оварда мегӯяд: "Ҳастиро хирад худ бишносад беҳадду берасм, ки ӯро ҳад нест, ки ӯро ҷинсу фасл нест, ки чизе аз вай омтар нест ва варо расм нест, зеро ки чизе аз вай маъруфтар нест" (с. 165 диссер.).

Дар ин боб, диссертант иброз медорад, ки Ибни Сино дар пайравӣ аз Форобӣ ба баҳси ҳастишиносӣ пардохта, ин самти илмиро дар доираи даҳ категория ва ё ҳамон ҷавҳар ва араз матраҳ мекунад. Ҳамон мафҳумҳои маъмули метафизикӣ аз қабили ҳастӣ, моҳият, ҷавҳар, араз ва мисли инҳо дар ин раддабандӣ асоси ин баҳсҳоро ташкил медиҳанд, агарчи ба таври мушаххасӣ матраҳ нашудаанд. Аммо пажуҳишҳои замони муосир нишон медиҳанд, ки дар баробари фарқиятҳои ҷузъӣ, як фарқияти бунёдӣ низ вуҷуд дорад, ки он ҷудогии маънии вуҷудӣ мебошад. Ҳамин тариқ, диссертант алоқамандӣ ва самтҳои ҷудогонаи ин категорияҳоро бо назардошти таълифоти Ибни Сино таҳқиқ намуда, моҳият, хусусият ва натиҷаҳои илмии онҳоро пешниҳод кардааст.

Раванди масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ дар баҳспардозиҳои фалсафаи Ибни Сино дорои ҷойгоҳи махсус ва боавлавият буда, маънии зеҳнӣ ва абстрактӣ танҳо дар асоси далеловариҳои илмӣ ҳақиқати он қобили шиносоӣ мегардад. Нуктаи муҳимми синошиносии имрӯза он аст, ки масъалаи куллият дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино ба хотири баррасии масъалаи моҳият дар миён гузошта шудааст. Албатта, ин раванд агарчи аз Юнон оғоз шуда бошад ҳам, вале дар низоми фалсафаи Форобӣ ва баъдтар Ибни Сино бо тағйирот мушоҳида мешавад. "Мафҳуми куллӣ мафҳуме аст, ки тасаввури худи он аз сидқ бар мавориди бисёр монеъ нест" (с. 227 диссер.).

Аз натиҷаҳои таҳқиқи диссертант дар ин боб ба хулоса мерасад, ки мутафаккир, тавассути ин равиши фалсафӣ, робитаи категорияҳо ва метафизикаро дар низоми донишҳои фалсафӣ амиқ ифшо намуда, ҳастии фалсафиро ҳа ҳамчун абзори шинохти воқеият, балки ҳамчун воситаи тарбияи зеҳнӣ арзёбӣ карда, бо ин роҳ, методологияи ин самтро ба ниёзҳои ҷомеа, фалсафа ва суботи иҷтимоӣ пайвастааст.

Боби чоруми диссертатсия – **«Назарияи сабабият, пешӣ (аввалӣ) ва сипасӣ (баъдӣ), ҳастии би-л-қувва ва би-л-феъл»** низ аз ду зербоб таркиб ёфта, масъалаҳои сабабу натиҷа, ва пешию баъдӣ ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд. Диссертант, дар ин боб, ҷанбаҳои назариявии истифодаи назарияи сабабиятро аз ҳастии бақувва то бафеъл

ботаҳлилҳо баррасӣ намуда, таснифи мафҳумҳо ва асосҳои ҷойгиршавии онҳоро таҳлил мекунад. Ин боби диссертатсия ҳамчун нахустин низоми таҳлилии ин соҳа бо исботҳо натиҷагирӣ шуда, диссертант ҷойгоҳ ва аҳаммияти назарияҳои мавҷударо бо далелҳои илмӣ матраҳ намудааст.

Чунонки диссертант иброз медорад, дар байни сабабҳо он сабабҳое, ки ҳамеша таъсир мерасонанд, аз навъи махсуси сабабҳо дониста мешаванд, зеро онҳо бавуҷудоварандаи чиз аз нестии мутлақ ҳастанд. Яке аз хусусиятҳои дигар он аст, ки сабаб ва натиҷа дар пур кардани вуҷуд баробарвазн нестанд. Сабаб бошад, ҳамчун бахшандаи вуҷуд ҳамеша дорои шиддати зиёдтар аст нисбат ба натиҷа. "Сабабҳои фоилӣ ба ҷавҳарӣ (моҳиятӣ) ва аразӣ (ғайримоҳиятӣ) тақсим карда мешаванд, сабабҳои моҳиятӣ ҳамеша чизро ҳамроҳӣ мекунанд ва сабабҳои аразӣ беохир ҳастанд" (с. 260 диссер.).

Бояд донист, ки чизҳо дорои баробарӣ нестанд ва баъзе чизҳо нисбат ба дигарӣ пешӣ ва ё сипасӣ доранд, аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо бояд дар муносибати вуҷудӣ мавриди истифода қарор гиранд ва дар муносибатҳо бо тақсимбандӣ ҷиҳати муайянсозии замон, макон, дар маърифат ва ё дар ҷинс масъалапардозӣ кунанд. Вақте сухан аз пешӣ ва сипасӣ меравад, пеш аз ҳама онҳо аз ҷиҳати макон ва замон дар назар дошта мешавад. Ҳаминро диссертант ба инобат гирифта, чизҳоро дорои тартиб медонад ва иброз медорад, ки "пешӣ ва сипасӣ замоне пайдо мешаванд, ки як нуқтаи оғозин ва ё мабдае дар назар гирифта шавад" (с. 278 диссер.).

Ба андешаи диссертант Ибни Сино мафҳумҳои пешӣ ва сипасиро аз рӯйи муносибат баҳо дода, қайд мекунад, ки: "Пешию сипасӣ ё ба мартабат бувад, ё ба табъ бувад, ё ба шараф бувад, ё ба замон бувад, ё ба зот ва иллият" (с. 279 диссер.).

Равиши категорияҳои пешӣ ва сипасӣ дар муносибат якнавохт буда, аз рӯйи муносибат фарқ мекунанд. Ибни Сино дар мавриди пешӣ ва сипасӣ дар муносибат ба табъро дар таълимоташ мисоловарӣ намуда, ҳатто, шумораҳои як ва ду ва дигар мафҳумҳоро дар ин радиф ҷой медиҳад, ки то кунун ба ин шакл мавриди назар нагардида буданд.

Дар натиҷа, диссертант ба хулоса меояд, ки Ибни Сино ҳастиро на танҳо воситаи расидан ба таълимоти метафизикӣ тавассути категорияҳо, балки пояи усулии низоми фалсафа медонад ва бо таҳияи низоми таснифи категорияҳои ин соҳа дар таърихи афкори фалсафии Шарқ ва ҷаҳон саҳми арзанда гузоштааст.

Дар боби панҷуми диссертатсия – **«Назарияи офариниши олам: гузариш аз фалсафаи назарӣ ба амалӣ»**, диссертант дар ду зербобе, ки масъалаи офариниш: муносибати байни Худо ва олам, гузариш аз ҳикмати назарӣ ба амалӣ, сиёсат ва ахлоқро дар бар мегиранд, таркиб ёфтааст. Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф нишон медиҳад, ки Ибни Сино барои дарки низоми олам, хилъат ва муносибати тарафайн, ҳамчунин, ташаккул ва таҳаввулоти зеҳниро қаламдод намуда, бо устувории маърифати соҳа ин самти фалсафаро равнақ бахшидан мехоҳад.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки сабаби пайдо гардидани ҳар як чиз ин андешидани бунёди нахустин дар бораи худи ҳамон чизҳо мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат, ҳамаи он чизе, ки аз вуҷуди бунёди нахустин фаязон меёбад, сифот ва ё хусусиятҳои он мебошад. Маҳз аз ҳамин хотир, аввалин натиҷаҳои ҳастшаванда на бар шумору зиёдатӣ дар модда ва суратанд, балки фақат "ақли маҳз мебошанд, зеро ин ақли ҷудо аз модда объекти иштиёқ ва бунёди ҳаракаткунанда барои фазои атроф мебошад" (с. 312 диссер.).

Дар натиҷаи таҳқиқ, Н. Шаҳовудинов, ба хулосаи муҳим мерасад, ки масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино ҳамчун калиди фаҳми самтҳо ва равандҳои олами объективӣ – аз табиат то хилъату замону макон ва маод арзи ҳастӣ намуда, заминаи дарки дурусти метафизикӣ ва таҳаввули андешаи фалсафиро фароҳам овардааст. Дар маҷмуъ, хулосаҳо, натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант аҳаммияти муҳимми илмию назариявӣ ва амалӣ дошта, нишон медиҳанд, ки муаллиф ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои таҳқиқро ҳал намудааст. Дар диссертатсия, инчунин, ҷанбаҳои назарӣ ва амалии афкори Ибни Сино мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, сохтор ва функсияи ҳастӣ дар низоми метафизика ва робитаи он бо ахлоқ ва сиёсат равшан карда шудааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи сохтори корҳои илмӣ ба роҳ монда шудааст. Мафҳуми умумии диссертатсия, ки муқаддимаю асосноккунии мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти тадқиқот, пешниҳодҳои илмӣ, қисми хулосавӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, мазмуни он пурра ба талаботи илмии замони имрӯз мувофиқ аст. Ҳама он иқтибосҳо ва далелҳои овардашуда мувофиқи меъёрҳои илмии қабулшудаи КОА мебошанд. Дар таҳқиқ забони фасеҳ ва истилоҳоти

соҳавӣ истифода шудаанд. Дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ дорои навоварихои хос буда, саҳми илмӣ-амалии ӯро тасдиқ мекунанд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб – фалсафа ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 6D020102 – таърихи фалсафа мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсия аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки диссертант ин мавзуъро – «Масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино» мавриди таҳқиқ қарор дода, масоили назариявӣ-амалӣ ва методологии он метавонанд дар рушди ҷаҳонбинии фалсафии замони истиқлол бо мафҳум ва истилоҳоти нав ҳамчун ҷаҳонбинӣ мусоидат кунанд.

Эродҳо дар ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Бо вуҷуди он ки диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардидааст, дар он баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд:

1. Дар бахши навоварии илмии таҳқиқ шарҳу тавзеҳи саҳми мушаххаси мутафаккир дар рушди таълимоти метафизикии Ибни Сино то андозае баён шудааст. Ҳол он ки инъикоси муфассалтари ин масъала дар шахсияти диссертант метавонист арзиши илмии натиҷаҳои бадастомадаро боз ҳам равшантар намояд.

2. Дар муқаддима навгонии таҳқиқ чандин маротиба бо таъбирҳои «нахустин маротиба» ва «бори аввал» асоснок мешавад. Аммо нав будани таҳқиқ дар сатҳи миллӣ худ аз худ навгонии назариявиро исбот намекунад. Зарур аст, ки ҳар навгонии пешниҳодшуда аз натиҷаҳои муҳаққиқони пешин, аз ҷумла, М. Диноршоев, А. Турсунов, С. Султонзода ва дигарон, дақиқ ҷудо карда шавад. Диссертант, бояд дар асоси далеловариҳо исбот мекард, ки маҳз ӯ, дар муқобили мутафаккир ва муҳаққиқони болозикр дар кадом сангар қарор дорад ва шахсан кадом мафҳум, истилоҳ ва категорияи соҳавиро мустақилона устувор ва рушд додааст.

3. Ба таври мушаххас дар хулоса гуфта мешавад, ки ҷавҳар ва араз дар ин ҷо хусусияти моҳиятӣ доранд ва ҳастӣ аз мақулаҳо фарқ мекунад. Аммо робитаи ин тезис бо даҳ мақулаи Арасту ва тафсири Ибни Сино ба таври муқоисавӣ бояд боз ҳам равшантар гардад. Беҳтар мебуд агар диссертант фарқи байни «мавҷуд», «ҷавҳар», «моҳият» ва «мақула»-ро дар мисолҳои мушаххас нишон медод, то хонанда онҳоро на ҳамчун мафҳумҳои якранг, балки гунонгун аз лиҳози мазмун ва шакл

қабул кунад (ин масъала дар таҳқиқи ҷавҳар ва моҳият бештар ба назар мерасад).

4. Дар боби V диссертант аз офариниши олам ба сиёсат ва ахлоқ мегузарад. Муаллиф ин гузаришро ҳамчун ҳаракат аз ҳикмати назарӣ ба амалӣ шарҳ медиҳад, аммо пайванди сохторӣи ин бахш бо масъалаи ҳастӣ чандон равшан нест. Зарур аст, ки нишон дода шавад, чаро сиёсат ва ахлоқ қисми мантиқии таҳқиқи метафизика мебошанд ва ин гузариш дар кадом асар хоса ва ё таълимоти фалсафии Ибни Сино ҷой дорад.

5. Бо назардошти он ки категорияҳои метафизикӣ дар таълимоти мутафаккир баррасӣ гирифтаанд, аммо, мувофиқ мебуд, агар диссертант на фарқиятҳои куллии онҳо, балки таркиби ҷузъии онҳоро баҳри устувории ин соҳа мавриди таҳқиқ қарор медод.

6. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки бартараф кардани онҳо ба салоҳияти кор аст (дар илми Ибни Синошиносӣ (с. 247); Ибни Ибни Сино (с 311); назарияи офариниш олам (мундариҷа); иқтибосҳои зиёд берун аз нохунак оварда шудаанд, ки берун аз талаботи КОА аст; истифодаи номувофиқи аломатҳои китобатӣ – тире ва нимтире: ва – л-маҳсул, ва – л-исм, Тадбир – ул-ҷунд (с.316) ва ғайра).

Вале қайдҳои дар боло зикргардида сифати тавсиявӣ дошта, моҳияти илмӣ-амалӣ ва назариявиии таҳқиқоти илмии Н.С. Шаҳовудиновро коста намегардонанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии диссертант ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат намуда, мазмуни диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Ҳамин тариқ, диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович "Масъалаҳои ҳастӣ дар таълимоти метафизикии Ибни Сино" таҳқиқоти мукаммали мустақилона баанҷомрасида маҳсуб шуда, дорои сохтори ягона, навгонии илмӣ мебошад. Мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ихтисоси ихтисоси 6D020102 – таърихи фалсафа пурра мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Шаҳовудинов Н.С. аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба талаботи бандҳои 31-33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023б №295) тасдиқ шудааст,

ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси 6D020102 – таърихи фалсафа аст.

Тақризи мазкур дар маҷлиси кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 18.11.2026, протоколи № 4/1 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар маҷлис 16 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Карамхудоев Ш.Х.

Омодасози лоиҳаи тақриз:
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
мудири кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносӣ Сулаймонзода Б.С.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Салимов А.И.

Имзоҳои д.и.ф, профессор Ш.Х. Карамхудоев,
д.и.ф, профессор Б.С. Сулаймонзода ва н.и.ф.,
муаллими калон А.И. Салимовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова М.Ғ.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992-37) 232-50-03
E-mail: rector.dbzkht.tj@mail.ru
«18» 11 соли 2026.